# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.06.2025, №63**

Барои сазовор донистани Ибодов Нурали Ҳасанович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 19 апрели соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №80 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Докторант (PhD) Ибодов Нурали Ҳасанович соли таваллудаш 16.02.1992, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ибодов Нурали Ҳасанович соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси суғурта хатм намудааст. Ҳамзамон соли 2016 зинаи магистратураро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Ибодов Нурали Ҳасанович солҳои 2016-2017 ба сифати оператори синфхонаҳои компютерии факултети иқтисодиёт ва идоакунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият намудааст.

Ибодов Нурали Ҳасанович соли 2019 ба ҳайси доктор (PhD) кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро соли 2022 хатм кардааст.

Солҳои 2017-2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии факултети иқтисодиёт ва идоракунии соҳаи маорифи

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият намудааст. Инчунин, аз соли 2020 то ҳол дар КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Нурали Ҳасанович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 28-уми феврали соли 2020, суратҷаласаи №8/6.2 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Султонов Зубайдулло Султонович **-** доктори илмҳои иқтисодӣ**,** профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Инистути иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Ҳусайнов Муродали Сайдамирович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба дисертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., муаллими калони кафедраи молия Султонов М.С. таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи молия баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №10, аз 02.06.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. санаи 05.06.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқарраршуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибодов Нурали Ҳасанович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Механизми молиявии суғуртаи тиббӣ ва равишҳои назариявӣ ба сохтори ташкилии онҳо [Матн] / Н.Ҳ. Ибодов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No. 4/1(70). – P. 17-25.ISSN

[2-М]. Султонов, З. С. Таҳлили вазъи имрӯзаи низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З. С. Султонов, Н. Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-2. – P. 159-169. ISSN

[3-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ғ. Д. Ашуров, Н. Ҳ. Ибодов // Идоракунии давлатӣ. –Душанбе, - 2022. – No. 1(55). – P. 15-22. ISSN

[4-М]. Ибодов Н.Ҳ, - Моҳияти иқтисодӣ, сохтор ва усулҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар низоми ҳимояи иҷтимоӣ [Матн] / Н.Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе, - 2021.-№03(4). – С. 265-270. ISSN

[5-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Бозори суғурта ва нақши он дар рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / Н.Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе – Душанбе, 2019. -№6. – С.167-170. ISSN

[6-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Фаъолияти суғурта дар низоми хизматрасониҳои молиявӣ [Матн] / Ғ. Д. Ашуров, Н. Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – No. 4(25). – P. 85-90. ISSN

[7-М]. Ибодов Н.Х. Анализ инвестиционного проекта в сфере природопользования Республики Таджикистан: современное состояние и уровень использования [Текст] / Ф. П. Арабов, Н. Х. Ибодов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2018. – № 3(251). – С. 90-94. ISSN

### Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[8-М]. Ибодов, Н.Х. Экономическое социальное значение и основные условия государственного социального страхования в современных условиях. / Н. Х. Ибодов // Материалы Международной научно- практической конференции на тему: ИНТЕГРАЦИЯ НАУК - 2021: - [Электронный ресурс]. Издательство: Краснодарский ЦНТИ - филиал ФГБУ «РЭА» Минэнерго РФ, Краснодар. -2021.,97-105.

[9-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Самаранокии сармоягузории соҳавӣ дар шароити баландкӯҳи Ҷумҳурии Тоҷикистн. / Н. Ҳ Ибодов, З.Р.

Ҳамдамзода, Ҷ. Қараева, // Маводҳои онференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (7-8 июни 2019 сол). Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар ш. Хуҷанд, Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ –амалӣ. С. 208-212.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Алиджанов Джамшед Абдукаримович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров,** бо чунин эрод:

1. Барои таҳлили саҳеҳ маълумоти ҷадвали 1 бо нархҳои соли ҷорӣ нею балки бо нархҳои муқоисавӣ ҳисоб ва муқоиса карда шудаанд.

2. Сатҳи кори илмӣ боз ҳам баландтар мешуд агар аз тарафи муаллиф модели тақлиди ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар шароити Тоҷикистон пешкаш карда мешуд.

**2. Шарофзода Фарҳод Разоқ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Новобаста аз ин дар таҳқиқоти мазкур хуб мешуд агар унвонҷӯ масъалаи зерин аҳамият медод. Беҳтар мешуд агар муаллиф дар раванди таҳияи кори худ SWOT- таҳлилро таҳия намуда, ҷанбаҳои манфӣ ва мусбиро муайян карда, пешниҳодҳои худро асоснок менамуд.

**3. Ҳусайнов Манучеҳр Нуриддинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Муаллиф дар саҳифаи 14, расми 3-юми автореферат “Тақсимоти меъёри ягонаи андози иҷтимоӣ байни се фонди давлатии ғайрибуҷетӣ”-ро овардааст, лекин тақсимоти меъёри фонди нафақа, ки 2% оварда шудааст чандон возеҳу равшан нест.

**4.Ҳусайнов Умар – доктор аз руйи ихтисос (PhD), муаллими калони кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Хуб мешуд агар муаллиф дар таҳқиқоти худ оид ба масъалаи такмили механизми хизматрасониҳои суғуртавӣ махсусан суғуртаи тиббӣ диққати бештар медод.

2. Бояд самтҳои муҳими мураттабсозии низоми суғуртавӣ ва такмили суғуртаи тиббӣ бештар дар автореферат инъикос ёбанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои захираҳои бонкӣ ва такмили иқтидори молиявию сармоягузорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии

диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки усулҳои арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ тибқи равишҳои иқтисодӣ ва молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии ширкатҳои суғурта, сатҳи даромаднокии суғурташудагон ва беҳтар кардани вазъи молиявии хонаводаҳои суғурташуда мусоидат мекунад.

**- *таърифи муаллифи суғурта*** дар асоси омӯзиши самтҳои назариявии суғуртаи тиббӣ моҳияти он ҳамчун механизмҳои молиявикунонӣ барои соҳаи тандурустӣ муаяйн карда шуда, дар асоси таҳқиқотҳо оид ба мафҳуми суғуртаи тиббӣ ҳамчун LES-маълумот оварда шудааст, ки дар худ самтҳои назариявии мафҳуми суғуртаи тиббиро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ҳамоҳанг менамояд.

- **омилҳои таъсирбахш ошкор шудаанд:** омилҳои маҳдудкунандаи иқтисодию маъмурӣ, ки ба раванди татбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқарраротu*** базавии кор дар самти такмили низоми суғуртаи тиббӣ, маълумоти заминавӣ дар самти суғуртаи иҷтимоӣ, равандҳои назариявии омӯзиши суғуртаи тиббӣ, таърихи инкишофи суғурта ва марҳилаҳои рушди он, заминаҳои ҳуқуқии танзими суғуртаи тиббӣ ва механизмҳои молиявӣ-иқтисодии суғуртаи тиббиро такмил медиҳад.

- ***исбот шудааст,*** ки таъсири суғуртаи тиббӣ ба сатҳи даромади буҷети хонавода ва некӯаҳволии молиявии суғурташудагон ба нишондиҳандаҳои оморӣ ва саволнома вобаста ба нишондиҳандаҳои интегралӣ дар модели регрессия (усули хурдтарини квадратҳо (УХК)) бо истифода аз Омор-10 ва Excel асос ёфтааст ва таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокӣ ва таъминоти молиявии суғурташудагон муайян карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***гояи*** асосӣ пешниҳод шудааст, ки дар сурати амалӣ намудани низоми суғуртаи тиббӣ раванди молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ беҳтар гашта, самти хизматрасониҳои тиббӣ хуб ва даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби сарфаи маблағҳо барои ёрии тиббӣ баланд бардошта мешавад. Дар баробари ин, рушди бозори суғуртавӣ таъмин гардида, ба беҳтар шудани хизматрасониҳои суғуртавӣ, даромаднокии муассисаҳои суғуртавӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ оварда расонида, дар самти гузариши пурраи соҳаи тандурустӣ ба низоми ғайринақдӣ заминаи хуб фароҳам хоҳад овард.

- ***самтҳои*** асосӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи тиббӣ, таҳкими низоми институтсионалии рушди суғуртаи тиббӣ коркард шудааст. Дар ин ҳолат механизми муайян кардани меъёри ягонаи андози иҷтимоӣ байни се фонди давлатии суғуртаи тиббии ғайрибуҷетӣ пешниҳод карда шудааст.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) дар асоси омӯзиши самтҳои назариявии суғуртаи тиббӣ моҳияти он ҳамчун механизмҳои молиявикунонӣ барои соҳаи тандурустӣ муаяйн карда шудааст; 2) Ҳамзамон, дар асоси таҳқиқотҳо мафҳуми суғуртаи тиббӣ ҳамчун LES-маълумот оварда шудааст, ки дар худ самтҳои назариявии мафҳуми суғуртаи тиббиро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ҳамоҳанг менамояд; 3) мафҳумҳои суғуртаи тиббӣ ва изҳороти муаллиф дар бораи мафҳуми суғуртаи тиббӣ, LES- маълумот дар бораи суғуртаи тиббӣ ва хусусиятҳои он, таснифи суғурта дар низоми суғуртаи миллӣ асоснок карда шудааст.

- ***методикаи*** таҳлили истилоҳӣ - ҳангоми аниқ кардани равандҳои консептуалии «суғуртаи иҷтимоӣ», «суғуртаи тиббӣ»; усулҳои омории коркарди маълумот, гурӯҳбандӣ ва муқоиса, усулҳои таҳлилӣ - барои арзёбии ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои рушди низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он; усули моделсозӣ - барои таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳо, муайян намудани ҳадафҳо ва самтҳои ҷорӣ намудани суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; усули умумии мантиқӣ - таъмини муттасилӣ дар гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи хулосаҳо; усули графикӣ - барои пешниҳоди нақшаҳо ва ҷанбаҳои асосии назариявии масъалаи таҳқиқшуда ва тасвири визуалии маводҳо ва натиҷаҳои оморӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Суғурта» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон мавриди истифода

қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 05.11.2024 №03/977**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ТС Такаффул **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 28.10.2024 №38**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

-***моделҳои*** регрессионӣ (усули хурдтарини квадратҳо (УХК) бо истифода аз барномаи Омор-10 ва Excel дар самти таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокӣ ва дастгирии молиявии суғурташудагон таҳия шудааст.

-***стратегияи*** ташаккули суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин механизми маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва буҷети давлатӣ пешниҳод карда шудааст;

-***пешниҳод шудааст***, ки дар сурати амалӣ намудани низоми суғуртаи тиббӣ раванди молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ беҳтар гашта, самти хизматрасониҳои тиббӣ хуб ва даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби сарфаи маблағҳо барои ёрии тиббӣ баланд бардошта мешавад. Дар баробари ин, рушди бозори суғуртавӣ таъмин гардида, ба беҳтар шудани хизматрасониҳои суғуртавӣ, даромаднокии муассисаҳои суғуртавӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ оварда расонида, дар самти гузариши пурраи соҳаи тандурустӣ ба низоми ғайринақдӣ заминаи хуб фароҳам хоҳад овард.

**- Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

-***назария***- дар асоси омӯзиши самтҳои назариявии суғуртаи тиббӣ ва моҳияти он ҳамчун механизмҳои молиявикунонӣ барои соҳаи тандурустӣ муайян карда шудааст.

- ***равиши илман*** асосноки ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии низоми суғуртаи тиббӣ ва самтҳои асосии рушди низоми суғуртаи тиббӣ пешниҳод карда шуда, самтҳои рушди асосҳои институтсионалии ташаккули суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон нишон дода шуда, барои беҳтар шудани низоми суғуртаи тиббӣ пешниҳодҳо вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории соҳа иҷро ва механизми тақсимоти меъёри ягонаи андози иҷтимоӣ байни се фонди давлатии ғайрибуҷетӣ пешниҳод карда шудааст.

**-** ***усулҳои*** таҳлили истилоҳӣ - ҳангоми аниқ кардани равандҳои консептуалии «суғуртаи иҷтимоӣ», «суғуртаи тиббӣ»; усулҳои омории коркарди маълумот, гурӯҳбандӣ ва муқоиса, усулҳои таҳлилӣ - барои арзёбии ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои рушди низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он; усули моделсозӣ - барои таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳо, муайян намудани ҳадафҳо ва самтҳои ҷорӣ

намудани суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; усули умумии мантиқӣ - таъмини муттасилӣ дар гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи хулосаҳо; усули графикӣ - барои пешниҳоди нақшаҳо ва ҷанбаҳои асосии назариявии масъалаи таҳқиқшуда ва тасвири визуалии маводҳо ва натиҷаҳои оморӣ истифода шудааст.

- **муайян карда шуд,** ки дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда мушкилоти ташкилотҳои суғуртавӣ дар низоми миллии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили сатҳи пасти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, набудани дониши касбӣ, имкониятҳои номусоиди бозори молиявӣ, номукаммалии шаффофияти бозори миллии суғурта ошкор карда шуданд. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 81,93% ва 90,15% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи суғуртаи тиббӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) Дар раванди таҳқиқот нақшаи кори илмӣ муаллиф дар самти асосноккунии мавзуъ, мубрамияти он дар шароити имрӯза, гузоштани мақсад ва вазифаҳо, ҳамзамон иҷроиши пурраи онҳо, навовариҳои илмӣ дар самти мавзуи таҳқиқшаванда ба анҷом расонида шудааст; 3) Дар ин раванд муаллиф низоми суғуртаи тиббиро омӯхта, самтҳои афзалиятноки шаклҳои ташаккул ва молиякунонии соҳаи тандурустӣ дар асоси тадбиқи суғуртаи тиббиро пешниҳод намудааст; 4) дар омода намудани 9 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 7.1, 7.2, 7.4, 7.5, 7.6 ва 7.7 -и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D05090 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 23.06.2025 қарори сазовор донистани Ибодов Нурали Ҳасанович бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): «Тарафдор» – 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда:**
**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Кошонова М.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**23 июни соли 2025.**